# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна дар мавзуи "Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.

1.Таҳққотити диссертатсионии Расулова Давлатмо Буриевна дар мавзуи "Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон" муҳим ва актуалӣ буда, таҳдиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷу ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии соҳаи гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он, инчунин рушди инноватсионии технологияи гӯсфандпарварӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии онро дар бар гирифтааст. Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисодиёт метавонад мусоидат намоянд ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар гирифта, муаллиф дар таҳқиқоти худ доир ба такмили самтҳои асосии такмили ташкилӣ - иқтисодии рушди самараноки гӯсфандпарварӣ алоқамандaнд, пешниҳодҳои илман асоснок намудааст.

2.Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷҳои илмӣ илмй ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогирии масъалаҳои такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии ва самаранокии иқтисодии гӯсфандпарварӣ буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона аст. Яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодиёти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад, чунки ислоҳоти аграрӣ соҳаи гӯсфандпарвариро ба соҳаи майдамолӣ табдил дод, зеро ба ҷойи комплексҳои калони истеҳсолӣ хоҷагиҳои хурди инфиродӣ ташкил шуданд, ки барои онҳо истифодаи дастовардҳои илмӣ, технологияи пешкадам

дастрас нестанд. Аз ин лиҳоз, такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии ва самаранокии иқтисодии гӯсфандпарварӣ самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ махсусан чорводориро баланд мебардорад ва рақобатпазирии соҳаро меафзояд. Сохтори диссертатсия ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, натиҷа ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 фармоиши №14/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссиям олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, ҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 4,0 ҷ.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Расулова Д.Б. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Расулова Д.Б. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна дар мавзуи “Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба Шурои диссертасионии 6D.КОА-016-и назди Донишгоҳи агарии Тоҷикистон ба номи Ширинщоҳ Шоҳтемур барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шӯрои диесертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

**Насиров Раҳимбек** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур;

**Абдураҳимов Абдуғаффор Абдувоситович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муасисса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Пиризода Ҷ.С.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Қудратов Р.Қ.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ — Раҳматзода Ҳ.Б.